**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Имамбердиева Саломат Менгликуловна тахти унвони «Ономастикаи “Ёддоштҳо”-и Садриддин Айнӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01-Забони тоҷикӣ**

Мусаллам аст, ки номҳои хос инъикоскунандаи фарҳанги номгузории ҳар як ҳалқу миллат, қавму нажод буда, ҳамзамон давраҳои гуногуни рушду такомул ва инкишофу тағйирёбии забонро нишон медиҳанд. Маҳз тавассути омӯзиши ҳамаҷонибаи номҳои хоси одамон, мавзеъҳои ҷуғрофӣ ва дигар қисматҳои ономастика бисёр паҳлуҳои норавшани забону адабиёт, фарҳангу таърих, этнографияю ҷуғрофия барои наслҳои оянда ва муҳаққиқон кушода хоҳад шуд. Ин аст, ки ба таҳқиқ фаро гирифта шудани номҳои хос, бахусус, дар адабиёти бадеӣ, аҳаммияти бузурги назариявӣ ва амалиро дорад. Лозим ба қайд аст, ки бо хусусиятҳои хоси худ илми ономастика имрӯз дар забоншиносӣ ҷойгоҳ ва мавқеи махсусро касб намудааст.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, аз нигоҳи забони мавриди пажӯҳиши илмӣ қарор дода шудани ономастикаи яке аз асарҳои бузурги Садриддин Айнӣ “Ёддоштҳо” аз ҷониби диссертант Имамбердиева С.М. мувофиқи мақсад ва саривақтӣ мебошад.

Аз мутолиаи автореферати диссертатсияи мазкур аён мегардад, ки муаллиф аз нозукиҳои илми ономастика, методҳои омӯзиши он, асарҳои ба ин илм бахшидашудаи муҳаққиқони дохиливу хориҷӣ бохабар буда, дар такя ба чунин адабиёти илмӣ корашро анҷом додааст. Дар баробари омӯзиши адабиёти илмӣ муаллиф вобаста ба мавзуи мазкур 10 мақолаи илмиро ба нашр расонидааст, ки аз 5-тои онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и ФР ва КОА-и Президенти ҶТ чоп гардидаанд.

Диссертатсия чун талабот аз аз муқаддима, се боб, хулоса, фехрасти адабиёт ва ҳамчунин замима иборат мебошад ва 194 саҳифаи компютериро ташкил медиҳад.

Муқаддимаи диссертатсия масъалаҳои муҳиммияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиши он, мақсаду вазифа, интихоби мавзуъ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии он, мутобиқати он бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, сохти рисола, ҷолибияти мавзуъ ва дигар масъалаҳои муқаддимавӣ бахшида шудааст.

Боби аввали диссертатсия «Баррасии вижагиҳои луғавии антропонимҳои «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ» номгузорӣ карда шудааст ва дар панҷ фасли таркибии он дар баробари маълумот додан оид ба илми ономастика, ҳамзамон антропонимҳои асари С.Айнӣ ҳаматарафа мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Дар боби дуюми диссертатсия «Баррасии тобишҳои маъноӣ-услубӣ ва омории ономастикаи «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ» бошад, накш ва муҳиммияти ономастика дар инъикоси тасвирҳои бадеӣ, манзара, ҳаводиси гуногуни таърихӣ ва нукоти маскунӣ, чандомади номҳо омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқ гардидааст. Дар боби сеюми диссертатсия, ки «Баррасии сохторӣ ва мансубияти забонии номвожаҳои «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ» унвон дорад, ономастикаи асар аз нигоҳи қабатҳои забонӣ ва сохту таркиб таҳлилу баррасӣ ёфтаанд ва бо мисолҳои мушаххас аз

худи асари С.Айнӣ далелҳо оварда шудаанд. Хулосаи диссертатсия чун талабот анҷом дода шудааст ва натиҷаи амалии кор бо бандҳои алоҳида оварда шудааст.

Вале бо вуҷуди муваффақиятҳои бузурги кор ҳангоми мутолиаи автореферати диссертатсия бо баъзе камбудиҳо дучор гардидем, ки чанде аз онҳоро дар зер хоҳем овард:

**Аввалан**, дар фасли сеюми боби якум зери унвони *«Антропонимҳои баёнгари номи адибону донишмандон ва фозилони давр»* номҳои шоирони даврони пешин ва ҳамзамонони муаллиф таҳлилу баррасӣ гардидаанд (саҳ 9). Ҳамзамон дар боби дуюм, фасли аввал, баъди зербоби 2.1.4. боз номи шоирон ва адибон таҳти унвони *"а) антропонимҳои ифодагари номи шоирону адибон"* оварда шудааст. Хеле хуб мешуд, ки ин антропонимҳо дар як ҷо таҳлилу баррасӣ меёфтанд.

**Дуюм**, дар саҳифаи 15-уми автореферат дар сархати 7-ум дар сохтори ҷумла "Ин антропонимҳоро дар алоҳи- дагӣ баррасӣ намоем, чунин аст:" ба камбудӣ роҳ дода шудааст.

**Сеюм**, дар фасли дуюми боби сеюм «Баррасии онимҳо аз нигоҳи мансубияти забонӣ» дар саҳифаи 19-уми автореферат *"Онимҳои русӣ-байналмилалии асар"* тасниф гардидаанд, вале дар уновни зерфаслҳо ба камбудӣ роҳ дода шудааст ва дар ҳар ду маврид "антропоним" истифода гардидааст. Чунончи:

*а). Антропонимҳои русӣ-байналмилалӣ: Колесов, Харитонов ва ғайра;*

*б). Антропонимҳои русӣ-байналмилалӣ: Москва (Маскав), Қрим, Пориж (Порис)...*

Албатта, ин камбудиҳо ва норасгиҳо ҷузъӣ буда, қиммати илмии рисоларо паст нахоҳанд зад ва дар оянда ислоҳ хоҳанд гардид.

Диссертатсияи **Имамбердиева Саломат Менгликуловна таҳт**и унвони «Ономастикаи "Ёддоштҳо"-и Садриддин Айнӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01-Забони тоҷикӣ пешниҳод гардидааст, кори анҷомёфта буда, ба талаботи «Низомномаи Шурои диссератсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муҳаққиқи рисола ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

Муқарриз:
н.и.ф., дотсенти кафедраи забонҳои
Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон Қурбонмамадов С.Х.

Имзои Қурбонмамадов С.Х.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои
Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон Асоев С.П.

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ХАТЛОН * ШУЪБАИ КАДРҲО

Суроға: 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ноҳияи Данғара, кӯчаи И.Шариф 3.
Тел: (+992) 93 516 01 48.
E-mail: somon8383@mail.ru.

06.06.2023